ДОНИШГОҲИ
ОСИЁИ МАРКАЗӢ

# Маълумоти мухтасар



ҚАЗОҚИСТОН ◆ ҚИРҒИЗИСТОН ◆ ТОҶИКИСТОН

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ яке аз муассисаҳои  камшумори минтақавӣ дар ҷаҳон аст, ки дорои иҷозатномаи байналмилалӣ ва муасисаҳои истиқоматӣ мебошад. Ҳадафи он беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии манотиқи кӯҳистон аст.  Он соли 2000-ум ҳамчун донишгоҳи хусусии дунявӣ ва ғайри тиҷоратӣ тавассути шартномаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби президентҳои давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ва Волоҳазрат Оғохон имзо шудааст, таъсис ёфтааст. Шартномаи таъсиси он аз ҷониби парламентҳои ин давлатҳо ба тасвиб расида, дар Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шудааст. Президентҳои ин давлатҳо ҳомиёни донишгоҳ ва Волоҳазрат Оғохон Канслери он мебошанд.

Расолати донишгоҳ мусоидат намудан ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ, бахусус ҷомеаҳои куҳистон, пешкаш намудани стандарти байналмилалии таҳсилоти олӣ ва инчунин фароҳам овардани имконият ба мардуми минтақа дар ҳифзи мероси ғании фарҳангӣ ва интиқоли он ҳамчун дороӣ барои наслҳои оянда мебошад.






Кампусҳои донишгоҳ дар шаҳри Хоруғи Тоҷикистон ва шаҳри Нарини Қирғизистон фаъолият намуда, бунёди чунин кампус дар шаҳри Текелии Қазоқистон низ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамаи кампусҳои донишгоҳ дар шаҳрҳои куҳистонии қад-қади Роҳи таърихии абрешим воқеъ буда, дар маркази дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ дар минтақа қарор доранд.

Дар ҳамкории густурда бо Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (AKDN), донишгоҳ ва се мактаби он дар ба ҳам овардани роҳбарони доираҳои тиҷорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳаи хизмати давлатӣ мавқеи хосеро ишғол менамоянд.

Акс: Кампуси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ, Тоҷикистон



Акс: Кампуси донишгоҳ дар шаҳри Нарин, Қирғизистон

## Мактаби илмҳои гуманитарӣ,табиатшиносӣ ва дақиқ

Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ дар кампусҳои худ дар шаҳри Хоруғи Тоҷикистон ва Нарини Қирғизистон барномаҳои таҳсили дараҷаи бакалаврро бо ихтисосҳои илмҳои компютерӣ, иртибототу ВАО, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳифзи муҳит ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ фароҳам месозад.

Нақшаҳои ояндаи ин мактаб пешкаш намудани ихтисосҳои илмҳои муҳандисӣ ва идоракунии тиҷорат мебошанд. Донишҷӯёни донишгоҳ дорои муваффақиятҳои таҳсилии назаррас мебошанд. Онҳо ғолибони озмунҳои илмӣ, сарварони шӯроҳои донишҷӯӣ, ҳомиёни қишри осебпазири ҷомеа, ҳунармандони боистеъдод, варзишгарони ҷоиздор ва ризокорони ғаюри ҷомеа мебошанд.

Хатмкунандагони донишгоҳ бо гирифтани стипендияи пурраи таҳсилотӣ ба донишгоҳои бонуфузи байналмиллалӣ ба монанди Донишгоҳҳои Браун, Дюк, Мичиган,Торонто, Саймон Фрейзер ва Донишгоҳи Миллии Сингапур қабул гардиданд.

**Маълумот оид ба донишҷӯён**



80% аз давлатҳои муассис



70% аз деҳот

## Мактаби олии рушд

**Мактаби олии рушд** ҳамчун маркази илмӣ барои гузаронидани тадқиқоти бисёрсоҳавӣ хизмат мекунад. Панҷ пажуҳишгоҳи мухталиф ва ба ҳам алоқаманди он дар мавзӯъҳои иқтисодиёти минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти тадқиқотиро пеш мебаранд. **Пажӯҳишгоҳи таҳқиқотии ҷомеаҳои кӯҳистон** таҷрибаи васеи илми экология ва малакаҳои илмии фазоиро дар ҳалли масъалаҳои амнияти озуқавориву об, тағирёбии иқлим ва криосфера ва рушди устувор дар манотиқи кӯҳистон истифода мебарад. **Пажӯҳишгоҳи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ** маркази илмие мебошад, ки тадқиқоти амалиро дар соҳаҳои молияи давлатӣ, савдо, кишоварзӣ, ва бозори меҳнат пеш мебарад.  **Бахши Мероси фарҳангӣ ва улуми инсонӣ** расолати донишгоҳро дар ҳифзи мерос ва интиқоли суннатҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ ҳамчун арзиш барои наслҳои оянда пеш мебарад. **Ҳадафи Барномаи ташаббуси ҷомеаи шаҳрвандӣ** мусоидат намудан ба шабакаҳои омӯзишӣ дар атрофи мавзӯъҳои идоракунии хуб, тандурустӣ, маориф ва муҳити зист мебошад. **Барномаи инсоншиносии Оғохон** ба рушди тафаккури интиқодӣ тавассути барномаи таълимии ҳамгирошудаи инсоншиносӣ, ки дар донишгоҳҳо ва мактабҳои давлатии минтақа таълим дода мешавад, мусоидат менамояд. Интизор аст ки, барномаи нави чанд соҳавии магистратура дар риштаи рушди устувори иқтисодӣ ва навоварии технологӣ дар соли 2025 дар донишгоҳ шурӯъ гардад.



## Мактаби Маълумоти Касбӣ ва Давомдор

Мактаби Маълумоти Касбӣ ва Давомдор (ММКД) дар ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ва касбӣ муассисаи пешбар аст, ки барои беҳтар намудани имкониятҳои кор ва даромад тарроҳӣ шудааст. Курсҳои ММКД дар 16 маркази омӯзишӣ, аз ҷумла 5-тои онҳо дар Афғонистон гузаронда мешаванд.

Курсҳои ММКД аз омӯзиши рамзгузорӣ ва амнияти рақамӣ, малакаҳои саводнокии рақамӣ ва ВАО, забони англисӣ, сайёҳӣ ва технологияи иттилоотӣ, соҳибкорӣ ва курсҳое аз қабили омӯзиши касби барқ ва таъмири мошинҳо, деворсозӣ, лӯлакашӣ, дуредгарӣ ва ғайра иборатанд.

**Донишомӯзони курсҳои ММКД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 247,000 | 52% | 92% | 96% | 2,300 |
| Аз соли 2006 то кунун аз ин курсҳо баҳравар гардиданд | духтар | Қаноатмандии донишомӯзон | Донишомӯзон ММКД-ро тавсия медиҳанд | Ҷойҳои корӣ дар солҳои 2020-25 тавлид шудаанд |

## Барномаи такмили ихтисоси омӯзгорони Осиёи Марказӣ

Барномаи такмили ихтисоси омӯзгорони Осиёи Марказӣ дар доираи рушди истеъдодҳои маҳаллӣ ба 73 омӯзгор, аз ҷумла ба 35 зан барои таҳсил дар зинаҳои магистратура, PhD, докторантура дар донишгоҳҳои шарик, аз ҷумла Кембриҷ, Оксфорд, Саймон Фрейзер, Донишгоҳи Алберта идрорпулӣ пешниҳод намуд.

> “Ин Донишгоҳ фазои ақлонӣ ва манобеъро фароҳам оварда, кӯҳҳоеро, ки миллатҳо ва сарзаминҳои Осиёи Марказиро аз ҳам ҷудо мекунанд, мепайвандад ва мардуму иқтисоди онро дар талоши ояндаи беҳтар муттаҳид месозад.”

**Волоҳазрат Оғохон**

Маросими имзои оиннномаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, 31-уми августи соли 2000, Остона, Қазоқистон


**Идораи марказии маъмурияти донишгоҳ**
720001, Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, кӯч. Тохтогул 125/1

**Кампуси донишгоҳ**
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯч. Қиматшо Иматшоев 155

**Кампуси донишгоҳ**
722918, Ҷумҳурии Қирғизистон ш..Нарин , кӯч. Ленин 310

**Маркази омӯзишии ММКД**
041700, Ҷумҳурии Қазоқистон, ш. Текелӣ, кӯч. Гагарин 13

info@ucentralasia.org
www.ucentralasia.org
@ucentralasia



Моҳи апрели соли 2024 нашр гардид.